*УДК 334,021*
*ББК 65,290 Т-81*

**ШАКЛҲОИ ШАРИКИИ ДАВЛАТ ВА БИЗНЕС ДАР САТҲИ МИНТАҚАВӢ ВА МЕТОДИКАИ АРЗЁБИИ АМАЛҲОИ ОНҲО**

**Тухсанбоева Хуршеда Маҳмудовна,**
*унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории ДИС ДДТТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

**ФОРМЫ ГОСУДАРСТВЕННО ЧАСТНОГО ПАРТНЕРСТВА НА РЕГИОНАЛЬНОМ УРОВНЕ И МЕТОДИКА ОЦЕНКИ ИХ ФУНКЦИОНИРОВАНИЯ**

**Тухсанбоева Хуршеда Маҳмудовна,**
*соискатель кафедры экономики и предпринимательства ИЭТ ТГУК; (Таджикистан, Худжанд)*

**THE FORMS OF STATAL-PRIVATE PARTNERSHIP AT A REGIONAL LEVEL AND METHODS OF ASSESSMENT AS TO THEIR FUNCTIONING**

**Tukhsanboyeva Khursheda Mahmudovna,**
*claimant for candidate degree of the department of economics and entrepreneurship under the IET TSUC (Tajikistan, Khujand)*
**E-MAIL:** *tukhsanboeva@gmail.com*

**Калидвожаҳо:** *шарикии давлатию хусусӣ, бизнес-сохторҳо, иқтисодиёти минтақавӣ, сифати мол, шаклҳои идоракунӣ, модел, қарордодҳо*

*Зикр гардидааст, ки гуногунии зиёди механизму шакл ва методҳои ШДХ ба истифодаи васеи сармояи корхонаҳои хусусӣ дар ҳалли вазифаҳои мухталиф имконият фароҳам меорад. Масалан, дар соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ, истеҳсолӣ ва нақлиётӣ ҳамаи вариантҳои созишномаҳои консессионӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Таъкид шудааст, ки шарикии давлатию хусусӣ аз дигар шаклҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ бо универсалият ва чандирӣ фарқ мекунад. Универсалияту чандирӣ дар гуногунии шаклу моделҳо зоҳир мегарданд ва онҳо имкон медиҳанд тақсими оптималии ваколатҳо, масъулият, захираҳо, хавфҳо ва мукофот байни иштирокдоронии лоиҳа ба дастояд. Шакли дигари муҳимтарини ШДХ, ҷамъиятҳои саҳомӣ мебошад. Дар ин маврид дастаи назоратӣ ё бандкунанда ба давлат тааллуқ дорад. Дар амалияи ҶТ алҳол шакли саҳомӣ дар ШДХ асосан дар соҳаи сохтмони инфрасохтори иҷтимоӣ ва НБО, ки дар ҷумҳурӣ самтҳои афзалиятнок ҳисоб мешаванд, мавриди истифода қарор мегирад.*

**Ключевые слова:** *государственно-частное партнерство, бизнес-структуры, региональная экономика, качество товаров, форма управления, модель, контракты*

*Представлено мнение, что большое разнообразие механизмов, форм и методов ГЧП дает возможность широко использовать капитал частных предприятий для решения различного рода задач. Например, в отраслях производственной, транспортной и социальной инфраструктуры применяются все варианты концессионных соглашений. Отмечено, что государственно-частное партнерство отличается от иных форм сотрудничества государства и частного сектора универсальностью и гибкостью, выражающимися в многообразии форм и моделей, позволяющих добиться оптимального распределения полномочий, ответственности, ресурсов, рисков и вознаграждения между участниками проекта. Другой важнейшей формой ГЧП являются акционерные общества, в этом случае государству принадлежит контрольный или блокирующий пакет акций. В практике Республики Таджикистан на данный момент акционерная форма при ГЧП используется в основном в сфере строительства социальной инфраструктуры и ГЭС,*

*которые для республики являются приоритетными направлениями.*

***Key-words:*** *statal-private partnership, business-structures, regional economy, quality of goods, form of governance, model, contracts*

*There is an opinion that a great variety of SPP mechanisms, forms and methods enables to broadly utilize a stock of private enterprises for a solution of divers sorts of goals. For example, in the branches of manufacturing, transporting and social infrastructure all variants of concessional agreements are applied. It is underscored that statal-private partnership differs from other forms of cooperation between the state and private sector with universality and pliancy being expressed in a diversity of forms and models affording to attain optimal distribution of competences, responsibility, resources, risks and remunerations between project participants. Another mostly important SPP forms are joint-stock companies, in this case a controlling or blocking packet belongs to the state. In the practice of Tajikistan Republic auction from under SPP is used mainly in the sphere of building beset with social infrastructure and HEPSes; the latters pertaining to priority streamlines of the republic.*

Шарикии давлатию хусусӣ ҳамкории аз лиҳози ҳуқуқӣ ба мӯҳлати муайян ба расмият дароварда ва ба муттаҳид сохтани захираҳо ва тақсими хавфҳо такякунандаи шарикии давлатӣ аз як тараф ва хусусӣ аз ҷониби дигар мебошад, ки дар асоси созишнома дар бораи шарикии давлатию хусусӣ барои ба иқтисодиёт ҷалб намудани инвеститсияҳо, ноил гардидан ба дастрас будан ва баланд бардоштани сифати мол, кор, хизматҳо, ки бо онҳо таъмин кардани истеъмолгарон бо ваколати мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ машрут гардидааст, амалӣ мешавад.

Дар олами муосир шарти муҳимтарин ва ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолияти иқтисодиёти бозорӣ инкишофи шарикии байни давлат ва бизнеси хусусӣ ба ҳисоб меравад. Хусусияти шарикӣ, методҳо ва шаклҳои мушаххаси он метавонад вобаста аз камолот ва вижагиҳои муносибатҳои бозорӣ фарқ кунад.

Дар шароити ҳозира дар амалияи мамлакатҳои хориҷӣ шарикии давлатию хусусӣ аз рӯи категорияҳои зерин тасниф мешавад: намуд, модел ва шакл.

Намуди ШДХ маҷмӯи муносибатҳо ва амалҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, молиявӣ-иқтисодии давлат ва бизнес-сохторҳо мебошад, ки ба ноил гардидан ба мақсадҳои умумии татбиқи сиёсати иқтисодии давлат нигаронида шудааст.

Модели ШДХ – лоиҳаи мушаххаси ШДХ аст, ки дар натиҷаи иҷрои расмиёти қонунӣ ва шаффофи интихоби иштироккунандагони ШДХ аз ҷониби бизнес-сохторҳо барои ҳалли вазифаҳои мушаххаси сиёсати иқтисодии давлат ба миён омадааст.

То имрӯз дар интихоби методҳои шарикии давлат ва бизнеси хусусӣ афзалиятҳои муайян муқаррар гардидаанд. Моделҳои пойгоҳии зеринро ҷудо кардан мумкин аст, ки бо шаклҳои вижаи муносибатҳои моликият, идоракунӣ ва манбаъҳои сармоягузорӣ фарқ мекунанд (расми 1.1). [1,с.12-13].

Моделҳои дар расми 1.1. оварда моделҳои пойгоҳӣ ҳастанд ва ҳар яки онҳо хусусиятҳои худро доранд.




***Расми 1.1.*** *– Моделҳои пойгоҳӣ ҳангоми ташкили фаъолияти ШДХ*

Бинобар ин доир ба ҳар як модел маълумоти нисбатан муфассал меорем. Масалан, модели оператор дар коркарди партов интишори васеъ ёфтааст ва бо тақсими аниқи масъулият байни давлат ва бизнеси хусусӣ зимни нигоҳдории вазифаҳои асосии давлат тавсиф мешавад. Модели кооператсия бошад дар он ҷое татбиқ мегардад, ки хизматҳо ба қадри кофӣ аниқ муайян нашудаанд ва ба ин сабаб ба объектҳои алоҳидаи андозбандӣ ва пардохтҳои истеҳлокӣ табдил додани онҳо кори мураккаб аст. Дар ин маврид шарикӣ тавассути фирмаи лоиҳавии муштаракӣ давлат ва бизнеси хусусӣ амалӣ гардонида мешавад.

Модели дигари муҳим – модели консессия дар соҳаҳое амал мекунад, ки татбиқи лоиҳаҳо дар муддати дароз сурат мегирад, ҳамчунин дар он мавридҳое, ки интиқоли ҳуқуқи моликият аз давлат ба симои хусусӣ ба сабабҳои сиёсӣ ё ҳуқуқӣ иҷро мешавад.

Модели шартномавӣ асосан дар энергетика, ки дар он инвеститсияҳо дар навбати аввал ба коҳиши хароҷоти ҷорӣ нигаронида шудаанд, амал мекунад. Чунин сарфа аксаран аз хароҷоти инвеститсионӣ бештар мебошад.

Модели лизинг бештар ба сохтмони биноҳои ҷамъиятӣ мувофиқ аст.

Интихоби модели пойгоҳиро давлат вобаста аз соҳаи фаъолият ва намуди хизмат, ки метавонанд предмети ШДХ гарданд, амалӣ мегардонад. Маъмулан, дар аксар ҳолат шаклҳои омехтаи имконпазир мавриди истифода қарор мегиранд, вале дар соҳаҳои инфрасохторӣ моделҳои пойгоҳӣ афзалият доранд.

Олими хориҷӣ С.В.Гритсай дар чаҳорчӯбаи тадқиқоти худ шаклҳои асосии ШДХ-ро дар сатҳи умумидавлатӣ ва минтақавӣ тасниф кардааст. Аз рӯи мулоҳизаҳои ӯ дар амалия шаклҳои зерини ШДХ мавриди истифода қарор мегиранд [2,с.19-21].

1. Шакли қарордодӣ. Қарордодҳо сатҳи аз ҳама пасти иштироки бизнеси хусусиро дар бар мегиранд. Қарордод байни давлат ва ширкати хусусӣ барои амалигардонии фаъолияти зарурӣ ва фоиданоки ҷамъиятӣ баста мешавад. Шаклҳои аз ҳама паҳншудаи қарордодҳо инҳоянд: - қарордодҳои хизматрасонӣ:

а) қарododҳо оид ба иҷрои кор ва хизматрасонӣ, таҳвили маҳсулот барои эҳтиёҷоти давлат – аз молистеҳсолкунандагони хусусӣ маҳсулот ва хизмат харидани давлат;

б) қарордодҳои ёрии техникӣ – истифодаи фирмаҳои хусусӣ барои ҳалли вазифаҳои мушаххас вақте, ки дар назди давлат масъала ба миён меояд, масалан ба сабаби

нарасидани захираи мушаххас;

- қарордодҳои идоракунӣ

а) қарордоди хизматрасонӣ ба объект;

б) қарордоди идоракунии объект-давлат бо бахши хусусӣ дар бораи идоракунии объект қарордод мебандад;

в) қарордоди "пешниҳод ба истифодабарӣ" – намуди қарордод, ки дар он давлат маблағгузорӣ мекунад, бахши хусусӣ бошад лоиҳаро мекашад, объектро месозад ва онро идора мекунад.

2. Шакли иҷоравӣ. Хусусияти муносибатҳои иҷоравӣ байни давлат ва бизнеси хусусӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар асоси шартҳои муайян кардаи шартнома амволи давлатӣ ё минтақавӣ бо музди муайян ба истифодаи муваққатии бизнеси хусусӣ дода мешавад. Дар мавридҳои махсус қайду шартшуда муносибатҳои иҷоравӣ мумкин аст бо харида гирифтани амволи иҷорашаванда ба охир расад.

3. Шакли консессионӣ. Консессия дар соҳаҳое амал мекунад, ки дар онҳо муддати амалигардонии лоиҳаҳо дуру дароз аст, ҳамчунин дар мавридҳое, ки интиқоли ҳуқуқи моликият аз давлат ба бизнес-сохторҳо бо сабабҳои мухталиф истисно мегардад. Чун шакли шарикӣ дар ШДХ консессия амалан дар ҳамаи соҳаҳо ҳам аз лиҳози шумораи объектҳо, ки дар бобати онҳо созишномаи шарикӣ баста шудааст, ҳам аз лиҳози арзиш афзалият дорад. Тибқи созишномаи консессионӣ ба бахши хусусӣ ҳуқуқи тасарруф, истифода, идоракунӣ дода мешавад, дар ихтиёри давлат бошад меҳварҳои танзиму назорат боқӣ мемонад.

Ба сифати шакли муҳимтарини шарикии мақомоти ҳокимият ва бизнеси хусусӣ консессия дар соҳаҳои инфрасохторие, ки ба воруди инвеститсия ва идоракунии баландихтисос эҳтиёҷ доранд, аз ҳама бештар паҳн шудааст.

Дар олами муосир се намуди консессияро фарқ мекунанд:

- консессия ба объектҳои мавҷудаи инфрасохтор;
- консессия ба сохтмон ва таҷдиди объектҳои инфрасохтор;
- таҳвили объектҳои моликияти давлатӣ ба идоракунии фирмаҳои хусусӣ.

Дар Қонуни ҶТ "Дар бораи консессияҳо" аз 26 декабри соли 2011, №763 таърифи зерини истилоҳи консессия омадааст: "Консессия (иҷозат, гузашт) – дар асоси шартномаи консессия бо пешниҳоди ҳуқуқи истифодабарии самараноки муваққатӣ ба консессиядор супоридани объектҳои моликияти давлатӣ, аз ҷумла: замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳаво, олами набототу ҳайвонот, дигар моликияти давлатӣ ва боигарии табиӣ, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, инчунин ҳуқуқи бунёди (сохтмони) иншооти нав аз ҳисоби консессиядор бо шарти дар оянда баргардонидани онҳо ба давлат [3].

Тибқи қонун байни консендент ва консессионер шартномаи консессионӣ баста мешавад ва дар шартнома ҳуқуқ, ӯҳдадорӣ ва масъулияти тарафҳо, ҳамчунин шартҳои амалигардонии консессияҳо муайян карда мешаванд.

Чунин ҷамъиятҳои саҳомӣ дар Фаронса, Италия, Норвегия дар соҳаи истихроҷи нафту газ, интиқоли онҳо, истеҳсол ва тақсими нерӯи барқ амал мекунанд. Самаранокии онҳо аз самаранокии ширкатҳои хусусӣ кам нест, агар шартҳои зерин риоя гарданд: шароитҳои баробари рақобат, роҳ надодан ба инҳисор, назорати давлатӣ ба инвеститсияҳо ва самаранокии онҳо, шаффофияти иттилоот дар бораи хароҷот, назорати давлатию ҷамъиятӣ ба таърифаҳо, устувории онҳо дар дурнамои дарозмуддат [4, с.312]

Ҳангоми амалигардонии лоиҳаҳои ШДХ дар доираи моделҳои ташкилию ҳуқуқӣ

шаклҳои мухталифи ҳамкории сохторҳои давлатӣ ва корхонаҳои бизнеси хусусӣ истифода мешавад. Онҳо вобаста аз ҳаҷми ҳуқуқи ба бизнеси хусусӣ таҳвилшаванда, ӯҳдадориҳои инвеститсионии тарафҳо, принсипҳои тақсими хавфҳо байни шарикон ва масъулият ба гузаронидани намудҳои гуногуни кор фарқ мекунанд.

Лоиҳаҳои ШДХ доираи васеи муносибатҳо - аз муносибатҳои умумии шарикӣ то шартномаҳо ва корхонаҳои муштаракро дар бар мегиранд.

Масалан, Л.Н.Дробишевская шаклҳои зерин ШДХ-ро ҷудо мекунад: қарордодҳо ба иҷрои корҳо ва расонидани хизматҳои ҷамъиятӣ, таҳвили маҳсулот барои эҳтиёҷоти давлатӣ, қарордодҳои ёрии техникӣ, қарордодҳои идоракунӣ, лизинг, созишнома дар бораи тақсими маҳсулот, қарордоди инвеститсионӣ, консессияҳо, саҳомигардонӣ, иштироки ҳиссагии сармояи хусусӣ дар корхонаҳои давлатӣ [5,с.316].

Механизмҳои зерини шарикӣ аз ҳама паҳншуда мебошанд:

- BOT (Built-Operate-Transfer) – сохтмон-идоракунӣ-таҳвил – варианти классикии консессия мебошад, ки дар он консессионер дар давоми мӯҳлати муайянгардида объектро месозад ва истифода менамояд;
- BOT (Built-Transfer-Operate) – сохтмон-таҳвил-идоракунӣ – яке аз моделҳои классикии консессия. Консессионер объектро сохта, фавран баъди ба итмом расонидани сохтмон ба моликияти давлат месупорад, баъди он объект ба истифодаи консессионер дода мешавад;
- BOO (Build-Own-Operate) – сохтмон-тасарруф-идоракунӣ. Консессионер объектро месозад ва истифодаи минбаъдаи онро амалӣ мегардонад ва ба он тибқи ҳуқуқи моликият тасарруф менамояд, ки муддати амали он маҳдуд намешавад;
- BOOT (Build-Own-Operate-Transfer) – сохтмон-тасарруф-идоракунӣ, таҳвил-тасарруф ва истифодаи объекти бунёд кардаро бо ҳуқуқи моликияти хусусӣ консессионер дар давоми муддати муайян амалӣ мегардонад. Баъди гузаштани муддати мазкур объект ба моликияти давлат мегузарад;
- BBO (Buy-Build-Operate) – харид-сохтмон-идоракунӣ – шакли фурӯш, ки таҷдид ё тавсеаи объекти мавҷударо пешбинӣ мекунад. Давлат объектро ба симои хусусӣ мефурӯшад, симои хусусӣ бошад барои идоракунии самаранок такмили зарурироро иҷро менамояд;
- DBOOT (Design-Build-Own-Operate-Transfer) – лоиҳакашии сохтмон-тасаруф-идоракунӣ-таҳвил. Хусусияти ин намуди созишномаҳо дар он аст, ки бизнеси хусусӣ масъулияти на танҳо сохтмони объект, балки кашидани лоиҳаи онро низ ба зимма дорад [6,с.158].

Олимони маъруфи Русия И.Е.Рисин ва А.С.Колосов маҷмӯи зерини шаклҳои ташкили ШДХ-ро зикр кардаанд:

1. Иҷрои кору хизмат аз ҷониби корхонаи хусусӣ барои қонеъ гардонидани талаботи ҷамъиятӣ.
2. Иҷора. Намудҳои асосии қарордод: ИСБ – иҷора, сохтмон, баҳрабардорӣ (Lease-Develop-Operate) ва СРЭ – сохтмон, рушд, баҳрабардорӣ (Design-Build-Operate).
3. Консессия (К).
4. Созишнома дар бораи тақсими маҳсулот (СоРП).
5. Корхонаҳои муштарак (КМ).
6. Ҳампардохтии лоиҳаҳои илмӣ-тадқиқотӣ (СфНП).
7. Лизинг.
8. Иҷора + харид.
9. Сохтмони асосӣ аз рӯи супориши давлатӣ.
10. Сохтмони асосӣ ва баҳрабардорӣ.

11. Инвеститсияҳои портфелӣ.
12. Лизинги баргаштпазир – ПВЛ (Sale, Leaseback) [7,с.25-31]

Ба интихоби ин ё он шакли шарикӣ мақсадҳои ШДХ-лоиҳа ва самаранокии иқтисодии он таъсир мерасонанд. Ба интихоби модел омилҳои зерин таъсири бештар доранд: вижагиҳои қонунгузории мамлакат, мансубияти соҳавии ШДХ-лоиҳа, ҷадвали тақсими хавфҳои инвеститсионӣ, таҷрибаи ташкили муносибатҳои қарордодӣ, талаботи ниҳоии истеъмолгарон ба пешниҳоди молу хизматҳо.

Ҷанбаи дигари муҳим дар амалигардонии ШДХ самаранокии ҳамин шарикӣ мебошад. Бинобар ин, масъалаҳои зерини мансуб ба арзёбии самаранокии умумиқтисодии лоиҳаҳои ШДХ аҳамияти махсус касб мекунад. Арзёбии мазкур, пеш аз ҳама, дар саҳми лоиҳа дар афзоиши маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ, афзоиши самаранокии буҷетӣ (афзоиши воридоти андоз), самаранокии молиявии лоиҳа, ки бо даромаднокӣ ва муддати худхароҷотбарории лоиҳа алоқаманд аст, ифода меёбад.

Худи маҳфуми самаранокӣ алоқаи мутақобилаи натиҷаҳои ба даст омада (идоракунӣ, истеҳсол, додугирифт, ҳамкории мутақобила ва ғайра) ва хароҷотеро, ки барои ба даст омадани он сарф шудааст, инъикос мекунад. Категорияи самаранокӣ ба мафҳуми меъёрият мансуб аст, ки дар ташкили идоракунии субъектҳои дар асоси шарикии давлатию хусусӣ амалкунанда пешниҳод мегардад.

Ҳамзамон, арзёбии самаранокии муносибатҳои шарикӣ ва лоиҳаҳои шарикии давлатию хусусӣ дар соҳаи иҷтимоию иқтисодӣ мумкин аст табиати мураккаби барои ҳар як аз иштирокдорон мухталиф, хусусияти ғайриякмаъно дошта бошад, ва нишондиҳандаҳои гуногуни меъёри миқдорию сифатиро дар бар гирад. Шароити ҳамкории мутақобила ва хавфҳои лоиҳаро мурофиқаткунанда бошанд метавонанд бо гузашти сикли дурударози ҳаётии лоиҳаҳо тағйир ёбанд. Фаҳмиши нуктаҳои мазкур, дар навбати аввал, ба иштирокдори давлатӣ, ки ба таҳқиқоти таҳлилии самаранокии идоракунӣ умуман ва ба ҳисобкардҳои бисёрвариантаи арзёбии самаранокии лоиҳаҳои инвеститсионӣ, ки лоиҳаҳои калонмиқёси шарикии давлатию хусусӣ ба синфи махсуси онҳо тааллуқ доранд, хусусан ба қадри бояду шояд ворид нест, муҳим аст.

Алҳол методикае вуҷуд надорад, ки аз рӯи он самаранокии лоиҳаҳои ШДХ-ро арзёбӣ кардан мумкин бошад. Вале, азбаски иштироккунандагони ШДХ ду тараф мебошад, нишондиҳандаҳои арзёбии лоиҳаҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан қобили қабул аст:

1. Нишондиҳандаҳои самаранокии лоиҳаҳои ШДХ барои давлат;
2. Нишондиҳандаҳои самаранокии лоиҳаҳои ШДХ барои шарики хусусӣ.

Айни замон нишондиҳандаҳои иқтисодие мавҷуданд, ки ҳам барои давлат ва ҳам барои соҳибкорон баробар муҳимманд, зеро давлат дар нақши иштирокдори гардиши хоҷагӣ баромад намуда, ҳам ба самаранокии натиҷаҳои умумии лоиҳаҳои ШДХ ва ҳам ба таъмин кардани самараи тиҷоратии худӣ манфиатдор аст.

Фоида ва хароҷот, ҳамчунин методҳои таҳлили нуқтаи безарарии лоиҳа ва мӯҳлати хароҷотбарории (давраи бозгашти) инвеститсияҳо нишондиҳандаҳои аз ҳама одие мебошанд, ки барои арзёбии босуръат ва на он қадар дақиқи ҷаззобияти лоиҳаҳо истифода мешаванд. Вале ба нишондиҳандаҳои мазкур норасоии зерин хос аст: роҳ додан ба аҳамияти баробари даромад ва хароҷот, ки ба фосилаҳои мухталифи вақт мансубанд.

Барои инвестор, новобаста аз он ки давлат аст ё бизнеси хусусӣ воридот ва хароҷоте, ки ба фосилаҳои мухталифи вақт мансубанд, арзиши якхела надоранд, зеро сармоя дар

замон арзиш дорад. Бинобар ин барои гузаронидани таҳлили лоиҳаҳои шарикии давлатию хусусӣ методҳои дисконтонӣ (тахфиф)-ро истифода бурдан лозим аст, яъне тавассути истифодаи коэффисиенти махсус – дисконт, ки арзиши муваққатии сармояро ифода мекунад, ба як махраҷ овардани даромадҳои (хароҷоти) лоиҳа, ки ба замонҳои гуногун мутааллиқанд. Ба ин коэффисиентҳо мансубанд:

- даромади холиси дисконтшуда ДХД (Net Present Value, NPV). Возеҳ аст, ки агар NPV аз сифр зиёд бошад, лоиҳаро қабул кардан лозим аст, агар NPV аз сифр паст бошад, лоиҳаро рад кардан лозим аст, агар NPV ба сифр баробар бошад, лоиҳа на фоидаовар аст, на зараровар. Ҳангоми оияндабинии даромад аз рӯи солҳо ҳатталимкон ҳама намудҳои воридотро, ки ба ҳамин лоиҳа вобаста буда метавонанд, ба ҳисоб гирифтан лозим аст;

- индекси даромаднокии (рентабелнокии) инвеститсияҳо (Profitability Index, PI). Возеҳ аст, ки агар PI аз воҳид зиёд бошад, лоиҳаро қабул кардан лозим аст. Дар сурати аз воҳид кам будани PI лоиҳа бояд рад шавад. Агар PI ба воҳид баробар бошад, лоиҳа на фоидаовар аст, на зараровар;

- меъёрҳои дохилии даромаднокии инвеститсияҳо (Internal Rate of Return, IRR). Таҳти мафҳуми меъёри дохилии фоидаи инвеститсияҳо (даромаднокии дохилӣ, хароҷотбарории дохилӣ) қимати коэффисиенти дисконтонии r фаҳмида мешавад, ки ҳангоми он NPV Даромад холиси дистконтшуда лоиҳа ба сифр баробар аст. Меъёри дохилии даромаднокӣ ба чунин мизони фоиз мувофиқат мекунад, ки дар он арзиши сифрии холиси дисконтшуда ба даст меояд;

- мӯҳлати дисконтшудаи хароҷотбарорӣ (Discounted Pay-back Period, DPP).

Таҷриба нишон медиҳад, ки арзёбии самаранокии лоиҳаҳои ШДХ-ро маҳз аз ҳамин нишондиҳандаҳо оғоз кардан лозим аст.

Аксаран давлат маҳз бо ҳамин маҷмӯи нишондиҳандаҳо маҳдуд мешавад, ҳарчанд барои ба даст овардани арзёбии объективии самаранокии ШДХ маҷмӯи мазкур кофӣ нест.

Лозим ба зикр аст, ки дар амал дигар методикаҳои арзёбии самаранокии лоиҳаҳои ШДХ низ истифода мешаванд.

Чи тавре, ки зикр гардид, мақсади асосии иштироки давлат дар лоиҳаҳои ШДХ инкишофи инфрасохтор ба манфиати ҷамъият, амалигардонии лоиҳаҳои муҳимми ҷамъиятӣ бо харҷу хавфҳои ҳадди ақал бо шарти ба субъектҳои иқтисодӣ пешниҳод кардани хизматҳои баландсифат, маблағгузории коркардҳои илмии инноватсионӣ ва таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мебошад. Маҳз ба ҳамин сабаб таҳлили нишондиҳандаҳои зерин (ҳисобу китоби онҳоро ҳам дар сатҳи умумидавлатӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ гузаронидан мумкин аст) барои давлат марҳилаи муҳимми арзёбии самаранокии лоиҳаҳои ШДХ ба ҳисоб меравад:

- *нишондиҳандаи таносуби ҳаҷми инвеститсияҳои хусусӣ ва буҷетӣ* (ПСИ) дар тараққии объектҳои ШДХ. Нишондиҳандаи мазкур сатҳи коҳиши бори буҷетиро тавсиф мекунад, дар шароити шарикии давлатию хусусӣ таносуби баробарӣ (50 x 50) аст. Ба ибораи дигар, қимати ин нишондиҳанда бояд ба воҳид (як) шитоб кунад. Вале дар шароити муосири хоҷагидорӣ дар ҶТ, вақте ки воситаҳои буҷетӣ, маъмулан ба амалигардонии лоиҳаҳои муҳимми иҷтимоӣ-иқтисодии ШДХ нокифоя ҳастанд, қимати ба воҳид (як) баробари ин нишондиҳанда чун ҳадди ақалли муҷоз баррасӣ мешавад. Пас, агар қимати нишондиҳанда ПСИ аз воҳид калон ё бо он баробар бошад (ПСИ $\geq$ 1), бори буҷет коҳиш меёбад ва яке аз мақсадҳои ШДХ ба даст меояд;

- *нишондиҳандаи коҳиши сатҳи бекорӣ* на танҳо дар сатҳи давлатӣ, балки дар сатҳи минтақавӣ низ аҳамияти калон дорад. Ин нишондиҳанда имконияти лоиҳаҳои ШДХ-ро

оид ба ташкили ҷойҳои нави корӣ, ташаккул додани пешниҳод дар бозори минтақавии меҳнат, ба вуҷуд овардан ва нигоҳ доштани иштиғол тавсиф мекунад. Қимати мусбати ин нишондиҳанда аз он шаҳодат медиҳад, ки бекорӣ ихтисор мешавад. Қимати нишондиҳандаи мазкур чи қадаре ки баланд бошад, рушди минбаъдаи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ҳамон қадар беҳтар аст;

- нишондиҳандаи дигаре, ки ҷаззобият ва самаранокии лоиҳаҳои ШДХ-ро тавсиф мекунад, *нишондиҳандаи афзоиши воридоти андозӣ ба буҷетҳои ҳамаи сатҳҳо* мебошад. Табиист чи қадаре ки қимати ин нишондиҳанда баланд бошад, давлат дар симои мақомоти минтақавӣ ва ё маҳаллӣ ҳамон қадар бештар фоида ба даст меорад ва мутаносибан, имкониятҳои сармоягузории давлат ба лоиҳаҳои нави шарикии давлатию хусусӣ бештар мегардад;

- *ҳиссаи маҳсулоти инноватсионӣ*, ки дар доираи лоиҳаҳои ШДХ ба вуҷуд оварда мешавад (коэффисиенти азхудкунии маҳсулоти нав), қобилияти корхонаро оид ба ҷорӣ намудани маҳсули инноватсионӣ ё маҳсулоти ба тағйироти технологӣ дучор гардида арзёбӣ мекунад;

- боз як нишондиҳандаи арзёбии фаъолияти инноватсионии корхона *зеҳниятталабии* он аст, ки ба муайян кардани дараҷаи татбиқи инноватсияҳо дар фаъолияти корхона имкон медиҳад.

Олими Русия Е.С.Андреева низоми нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии лоиҳаҳои ШДХ-ро пешниҳод кардааст, ки мо дар доираи таҳқиқи худ онро ҷонибдорӣ мекунем (ҷадвали 1.1).

***Ҷадвали 1.1.*** *– Низоми нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии лоиҳаҳои ШДХ*

| **Нишондиҳандаҳо** | **Тарзи ҳисобу китоб** | **Шарҳ** |
|---|---|---|
| **Нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии ШДХ ҳам барои давлат ва ҳам барои шарики хусусӣ** | | |
| 1. Даромади холиси дисконтшуда (ДХД, NPV) | $\sum_{t=1}^{n}\frac{Pt-IC}{(1+r)\text{^}t}$<br>IC – ҳаҷми ибтидоии инвеститсия;<br>Pt – даромади солона;<br>r – мизони дисконтонӣ;<br>n – миқдори солҳои амалигардонии лоиҳа. | Бузургии воситаҳои пулӣ, ки инвестор ният дорад баъди хароҷоти ибтидоии инвеститсионӣ ва бурунрафти даврии ба амалигардонии лоиҳа марбути пулро рӯпӯш кардани вуруди селаи пул аз лоиҳа ба даст орад. Агар NPV>0 бошад, пас, лоиҳаро қабул кардан лозим аст; агар NPV<0 бошад, лоиҳаро рад кардан лозим аст. |
| 2. Индекси даромаднокии инвеститсияҳо (PI) | $\sum_{t=1}^{n}\frac{Pt:IC}{(1+r)\text{^}t}$ | Даромад ба воҳиди харҷ. Агар PI > 1 бошад, лоиҳаро қабул кардан лозим аст. Агар PI<1 бошад, лоиҳа рад карда мешавад. |
| 3. Меъёри дохилии даромаднокии инвеститсияҳо (IRR) | IRR = r, ки ҳангоми он NPV = f(r) = 0. | Мизони дисконтиронӣ, ки ҳангоми он арзиши холиси ҷории лоиҳаи инвеститсионӣ ба сифр баробар аст. Ба муқоисаи лоиҳаҳои гуногунмиқёс ва дарозиашон мухталиф имконият медиҳад. Агар IRR>r бошад, лоиҳа бузургии мусбати NPV ва фоизи даромади баробар ба (IRR-r)-ро таъмин мекунад. |
| 4. Мӯҳлати | DPP = min n, ки | Вақте, ки , инвеститсия вуруди кофии |

| | | |
|---|---|---|
| дисконтшудаи хароҷотбарорӣ (DPP) | ҳангоми он n= $\sum_{n=1}^{n=\infty} Pi \times \frac{1}{(1+r)^{\wedge}n} \geq IC$ | пулро барои хароҷоти инвеститсиониро рӯпӯш кардан таъмин мекунад. |
| **Нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии ШДХ барои давлат** | | |
| 1. Нишондиҳандаҳои таносуби ҳаҷми инвеститсияҳои хусусӣ ва буҷетӣ (ПСИ) | $\frac{\sum Фч}{\sum Фб}$ Фч – маблағи воситаҳои хусусӣ, ки ба объекти ШДХ равона шудааст; Фб – маблағи воситаҳои буҷет. | Сатҳи коҳиши бори буҷетӣ, таносуби идеалӣ дар шароити ШДХ-баробарӣ аст, яъне қимати ин нишондиҳанда бояд ба 1 шитобад. |
| 2.Коҳиши сатҳи бекорӣ (U) | $\frac{Кнрм}{Кб} \times 100\%$ КРБ – теъдоди ҷои кории нав, ки дар доираи лоиҳаи ШДХ таъсис шудааст; КБ – теъдоди бекорон дар мамлакат (дар минтақа). | Имконияти лоиҳаҳои ШДХ дар бобати ба вуҷуд овардан ва нигоҳ доштани иштиғол. Қимати мусбати ин нишондиҳанда аз он шаҳодат медиҳад, ки бекорӣ кам мешавад.. |
| 3. Афзоиши воридоти андозӣ ба буҷет (ВА) | $\frac{\text{ВА}\ t}{\text{ВА}\ t-1} \times 100\%$ ВАt, ВАt-1 – бузургии воридоти андозӣ мутаносибан дар даврахои ҷорӣ ва моқабл.. | Нишон медиҳад, ки дар натиҷаи амалигардонии ШДХ даромади буҷет чӣ қадар афзоиш ёфтааст. |
| 4. Ҳиссаи маҳсулоти инноватсионӣ (Коп) | $\frac{Пфмн}{Пфум}$ ПФмн – пули фурӯши маҳсулоти нав ё такмилдода; Пфум– пули фурӯши умумии ҳамаи маҳсулот. | Арзёбии қобилияти корхона дар бобати ҷорӣ намудани маҳсулоти инноватсионӣ. Қимати ин нишондиҳанда чи қадаре ки баланд бошад, корхона ҳамон қадар аз ҷиҳати инноватсионӣ фаъолтар аст. |
| 5. Зеҳниятталабӣ | $\frac{СнмаАдғ}{Q}$ Адғ – арзиши дороиҳои ғайримоддӣ; Q – ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот. | Ба муайян кардани дараҷаи истифодаи инноватсияҳо дар фаъолияти корхона имконият медиҳад. |
| **Нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии ШДХ барои шарики хусусӣ** | | |
| 1. Даромаднокии дороиҳо | Ra= (Фоида то андозбандӣ / Арзиши дороиҳо)×100% | Фоидаро аз ҳар сомонӣ, ки корхона ба ташаккули дороиҳо пешпардохт кардааст, тавсиф мекунад. |

| | | |
|---|---|---|
| 2. Даромаднокии инвеститсияҳо | Rи = (Фоида то андозбандӣ / (Асъори тавозун – ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат)) ×100% | Самаранокии истифодаи воситаҳоеро ифода мекунад, ки ба инкишофи ҳамин ташкилот гузошта шудаанд. |
| 3. Даромаднокии сармояи худӣ | Rск = (Фоидаи соф / Сармояи худӣ) × 100% | Мавҷудияти фоидаро аз рӯи сармояи ба ҳамин ташкилот гузоштаи соҳибмулкон тавсиф мекунад. |
| 4. Даромаднокии маҳсулот (фаъолияти истеҳсолӣ) | Rпд = (Фоидаи соф / Арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда) × 100% | Аз ҳар сомонии ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулот гузошта чи қадар фоида гирифтани корхонаро нишон медиҳад. |
| 5. Даромаднокии фурӯш | Rпр = (Фоида аз фурӯш / Пули фурӯши маҳсулот) × 100% | Вазни қиёсии фоидаро дар таркиби пули фурӯши маҳсулот тавсиф мекунад. |

Қиматҳои меъёрии коэффисиентҳои даромаднокӣ тибқи соҳаҳо, намудҳои истеҳсолот, технологияи тайёр кардани маҳсулот тафриқабандӣ шудааст. Дар сурати набудани меъёр динамикаи нишондиҳандаҳоро дар як қатор марҳилаҳо пайгирӣ намудан лозим аст, зеро афзоиши даромаднокӣ аз афзоиши фоидаоварӣ, таҳкими некӯаҳволии молиявӣ дарак медиҳад.

Ҷадвали 1.1 бегуфтугӯ тамоми нишондиҳандаҳоеро, ки дар бораи ин ё он лоиҳаи ШДХ тасаввуроти пурра медиҳанд, дар бар намегирад, вале арзёбӣ ҳатто дар асоси ҳамин маҷмӯи нишондиҳандаҳо имкон медиҳад ба манфиати ин ё он лоиҳа интихоби дуруст сурат гирад.

Ғайр аз ин, ҳалли масъалаи самаранокӣ, арзёбии он ва муайян кардани роҳҳои баландбардорӣ, ба сабаби назаррас дарозмуддат будани сиклҳои ҳаётии ШДХ ва талаботи баланд ба сифати натиҷаҳо (дар доираи хароҷоти ба нақша гинрифта дар сатҳи олӣ ва дастрас барои истеъмолкунандаи ниҳоӣ саривақт амалӣ гардонидан) вазифаи якдафъагие нест, ки танҳо ба марҳилаҳои тайёрии лоиҳаҳо хос аст.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи масъалаҳои модел, ширкат ва самаранокии шарикии давлатию хусусӣ дар ҷомеаи касбии ҷаҳонӣ мавриди таваҷҷӯҳи амиқ гардидааст. Мутобиқан бо хусусиятҳои мазкури шарикӣ дар муносибатҳои нав ва арзёбии самаранокӣ мафҳуми қаблан татбиқшавандаи оптимизатсияи ҷиддӣ (ба ҳадди аксар расонидани даромаднокӣ) ба таҳлили бисёрвариантаи умумии ба ном арзишмандии шарикӣ ҳам барои ҳар як иштирокдор ва ҳам умуман барои ҷамъият табдил меёбад.

***Пайнавишт:***


1. *Бараненко С. П. Инвестиционная политика государства в системе регулирования государственно-частного партнерства [Текст] / С.П. Бараненко, А. Ю. Семенихин // Путеводитель предпринимателя. Научно-практическое издание: Сб. науч. трудов. Вып. VI. Под научной ред. Л.А. Булочниковой. – М.: Российская академия предпринимательства; Агентство печати «Наука и образование», 2010. – 186 с. (С. 12-24).*
2. *Грицай С.В. Использование механизма частно-государственного партнерства для повышения эффективности деятельности промышленных предприятий. – М., 2006. – С. 19-21.*
3. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «дар бораи консессияҳо» аз 26 декабри соли 2011, № 763, Ахбори маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 3: (санаи муроҷиат 16.04. 2017)*

4. *Фишер П. Прямые инвестиции для России: стратегия возрождения промышленности. – М.: Финансы и статистика, 1999. – 312 с.*
5. *Дробышевская Л.И. Концептуальные основания инновационно-инвестиционной политики в условиях трансформации хозяйственной системы. – Краснодар, 2005. – 316 с.*
6. *Практическое руководство по вопросам эффективного управления в сфере государственно-частного партнерства. - Женева (Швейцария): Организация Объединенных наций, 2008. – 158 с.*
7. *Рисин, И.Е. Функциональное и процессное содержание государственно-частного партнерства / А.С. Колосов, И.Е. Рисин // Русский провинциальный журнал. Регион: системы, экономика, управление. - 2011. - №1 (12). - С. 25-31.*

***Reference Literature:***

1. *Baranenko S.P. Investitive Policy of State in the System of Regulation as to Statal-Private Partnership [Text] // S.P. Baranenko, A.Yu. Semenihin // Guide-Book for Entrepreneurship. Scientific- practical edition: collection of scientific works. Issue VI. Under the scientific editorship of L.A. Bulochnikova. – M.: Russian Academy of Entrepreneurship. Printing Agency “Science and Education”, 2010. – 186 pp.; pp. 12 – 24.*
2. *Gritsay S.V. Utilization of the Mechanism of Statal-Private Partnership for Rising an Efficiency of the Activity of Industrial Enterprises. – M., 2006. – pp. 19 – 21.*
3. *Tajikistan Republic Law “On Concessions” from December 26, 2011, №763. Information from Tajikistan Republic Majlisi Oli, articles 3 (Date of appeal: 16.04.2017).*
4. *Fisher P. Direct Investments for Russia: Strategy of Industry Revival. – M.: Finances and Statistics. – 1999. – 312 pp.*
5. *Drobyshevskaya L.I. Conceptual Grounds of Innovational-Investitive Policy under the Conditions of Economics System Transformation. – Krasnodar, - 2005. – 316 pp.*
6. *Practical Guide on the Issues of Effective Management in the Sphere of Statal-Private Partnership. Geneva (Switzerland). United Nations Organization. 2008. – 158 pp.*
7. *Risin I.Ye. Functional and Processive Content of Statal-Private Partnership // A.S. Kolosov, I.Ye. Risin // Russian Provincial Journal. Region: Systems, Economy, Management. – 2011, №1 (12). – pp. 25 – 31.*